ПРОТОКОЛИ №_9_

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-113

аз“_5_”_06_соли 2026 **ш. Душанбе**

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
Аз 16 нафар аъзои шуро _15_ нафар

Раиси шуро: Мухаметов Г.Б.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2025 №495/шд тасдиқ шудааст, 15 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертиза қабул намудани диссертатсияи Назризода Ҷамила Маҳмуд дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ» (дар муассисаҳои миёнаи таҳсилашон бо забони тоҷикӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ.

Баромад намуданд: раиси шурои диссертатсионӣ Мухаметов Г.Б., котиби илмии шурои диссертатсионӣ Абдуллоева Т.М. ва аъзоёни шурои диссертатсионӣ Юлдошев У.Р., Иматзода Л.М. ва Хомидзода Д.Р.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Назризода Ҷамила Маҳмуд дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ» (дар муассисаҳои миёнаи таҳсилашон бо забони тоҷикӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- **Солеҳов Мирзо Одинаевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор,раиси комиссия;

- **Рузиева Лола Толибовна** – доктори илмҳои педагоги, профессор, аъзои комиссия;

- **Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои комиссия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор **Мухаметов Г.Б.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент **Абдуллоева Т.М.**